# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи унвончӯ Чӯраева Замира Ғуломовна «Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти урду). Душанбе. 2021. – 36 саҳ.**

Адабиёти нимаи дуюми садаи XIX ва садаи XX-и урду дар байни адабиётҳои гуногунзабони нимҷазираи Ҳинд мавқеи намоёне дорад. Он аз сарчашмаҳои адабиёти бою ғании форсӣ-тоҷикӣ, ҳиндӣ, санскритӣ ва аз адабиёти халқҳои гуногуни Ҳиндустони қадимаву муосир ғизо гирифтааст.

Рисолаи номзадии Чӯраева Замира Ғуломовна ба таҳқиқу баррасии насри бадеии урду, ба вижа жанрҳои хурди адабии он бахшида шудааст.

Аҳаммияти мавзӯи мавриди таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои, объект ва предмети таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалӣ, асосҳои назарӣ ва методологияи таҳқиқ, нуктаҳои меҳварие, ки ба дифоъ пешниҳод шудаанд, коркард ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот бо таври мукаммал ва саҳеҳ баён карда шудааст (саҳ.1-8).

Муаллифи рисола бар он ақида аст, ки ковишҳои жанри ҳикояи урду ба таври монографӣ дар ҳиндшиносии Аврупо ва дар адабиётшиносии тоҷик мавриди омӯзиши ҷудогона қарор нагирифтааст. Дар адабиёти урду бошад, такомули давраҳои ҷудогонаи жанри ҳикоя аз ҷониби муҳаққиқон Виқор Азим, Виқор Носирӣ, Накҳат Райхонахон, Қамар Раис, Обида Бегим, Анвар Садид ва дигар адабиётшиносон таҳқиқ шудааст. Вале таҳқиқе, ки фарогири бурду бохти давраи мавриди назарро дошта бошад, дар адабиётшиносии урду дида намешавад.

Муаллиф дар натиҷаи дақиқназарона таҳқиқ намудан ба навгонии тозаи илмӣ муваффақ гардид – дар ҳиндшиносии тоҷик бори нахуст таҳаввули жанри ҳикояи урду ва такомули он ба таври монографӣ мавриди омӯзиш қарор ёфт. Дар айни замон заминаҳои пайдоиши жанри ҳикоя, даврабандӣ ва ҷузъиёти такомули он дар ҳамбастагӣ бо таълифоти нависандагони таҳқиқшуда, дар ин замина хусусиятҳои асосии жанри ҳикоя муайян карда шудааст. Ҳамчунин, бори нахуст нақш ва ҷойгоҳи жанри ҳикоя дар раванди инкишофи насри навини урду аниқ гардидааст. Дар фишурдаи рисола маҷмӯи таълифоти адибони ҳикоянигори урду оид ба сарнавишти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва тақдири мардуми ҳинд ва бозтоби андешаи фардои онон таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст, ки аз бисёр ҷиҳат бо масоили куллии насри муосир пайванд ва ҳамгир мебошад.

Чӯраева Замира Ғуломовна бар он ақида аст, ки дар таърихи адабиёти муосири урду адибон Премчанд, Кришан Чандар, Қурратулъайн Ҳайдар, Исмат Чиғатой ва Масрур Ҷаҳон, ки эҷодиёти онҳо ҳамчун сарчашмаи таҳқиқ қарор мегирад, аз зумраи нависандагони

соҳибистеъдоду хушсалиқа шинохта шуда, ба қатори беҳтарин адибони садсолаи бистум шомил гаштаанд.

Арзёбии мухтасари жанри ҳикоя ва мавқеи он дар эҷодиёти адибони мавриди омӯзиш гувоҳ бар он аст, ки ҳикоя дар эҷодиёти ин қабил нависандагон мавқеи хос дорад. Аз муқоисаи шакл ва муҳтавои ҳикояҳо бармеояд, ки ҳикояҳои дар ин заминаи воқеияти ҷомеаи Ҳиндустон эҷодшуда, муҳимтарин таҳаввулоти ичтимоӣ ва маънавии ҳаётиро инъикос кардаанд.

Дар қисмати хулосаи фишурдаи илмӣ аз ҳар бобу зербобҳо дар шаш банд ҷамъбастҳои илмӣ пешниҳод шудааст, ки аз вусъати мутолиа ва дақиқии баррасиҳои муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

Автореферат дар сатҳи баланд, бо услуби илмӣ таълиф ёфта, ҷамъбасту хулосаҳои мудаллал ва эътимодбахш мебошад.

Фишурдаи рисола, мақолаҳои ба чоп расонидаи Ҷӯраева Замира Ғуломовна ва гузоришҳои илмии ӯ муҳтавои рисоларо ифода намуда, аз лаёқати баланди илмии муаллифи он гувоҳӣ медиҳанд.

Автореферати Ҷӯраева Замира Ғуломовна «Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду» ба талаботи КОА назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти урду) мебошад.

Мудири кафедраи адабиёти муосири
тоҷики Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров",
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ӯлмасова З.Ҳ.

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
Тел: +(992) 92 7714470
E-mail: zamira_ulmasova @mail.ru

Имзои Ӯлмасова З.Ҳ. –ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" Ашрапова З.Н.

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
тел:+(992)927388887
E-mail: ddhkadr@mail.ru